# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-023 назди
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

бароиi дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ (*Қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 №295*)

**Парвандаи аттестатсионии №__________**
**Қарори Шурои диссертатионӣ аз 30.05.2025, №45**

Бораи сазовор донистани Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ.

Диссертатсияи «Асосҳои илмӣ - методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон»

Аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) ба ҳимоя 18 марти соли 2025 қабул карда шуд, протоколи №33 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-023 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2024, №184ш/д).

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна 29-уми августи соли 1973 дар ноҳияи Б.Ғафуров таваллуд шуда, соли 1995 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро бо ихтисоси филолог, муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст.

Собиқаи кории унвонҷӯ 30 сол буда, фаъолияти омӯзгориаш аз соли 1995 аз муассисаи таълимии мактаби умумии №12-и Б.Ғафуров ба номи Мирзобарот Исмоилов шуруъ шудааст.

Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2013).

Аз соли 2019 то инҷониб муаллими кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров мебошад.

Диссертант Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна аз соли 2012 унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Хучанд ба номи академик Б.Гафуров ба ҳисоб мерафт.

**Роҳбари илмӣ**: **Шербоев Саидбой** - докторӣ илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва

**Муқарризони расмӣ**:

1. **Негматов Саъдуллоҷон Эргашевич** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

2. **Котибова Шарифамоҳ Пирмаҳмадовна** - номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи мактабҳои камнуфуз ва бознигарии такмили стандарт барномаҳои таълимию китобҳои дарсии таҳсилот дар Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсия тақризҳои мусбат мусбат доданд.

Муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ дар тақризи мусбати худ, аз 25 апрели соли 2025, суратҷаласаи №9, ки онро раиси ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методӣ, мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир, эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими забои ва адабиёти муассисаи мазкур Турсунова Мунаввара Аъзамовна ва котиби ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методӣ Каримова Зуҳро Мазиёевна имзо карда, ректори донишгоҳ, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло тасдиқ кардааст, ба диссертатсия асосан баҳои мусбат дода, аз он ҷумла, қайд намудааст, ки мавзуи аз рӯйи таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна бе шак мубрам буда, ба яке аз масъалаҳои замонавӣ – асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон ифода меёбад.

Диссертатсия кори таҳқиқотии пурра ва мустақилона анҷомёфта ба ҳисоб рафта, арзиши илмию амалии он муътамаданд. Мазмун ва муҳтавои автореферат ва мақолаҳои дар нашрияҳои илмии тақризшаванда нашрнамуда муаллиф ба мавзӯи таҳқиқоти илмӣ ва мақсаду вазифаҳои дар пешгузоштаи тачхизот мувофиқат мекунанд.

Диссертатсия кори таҳқиқотии пурра ва мустақилона анҷом ёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаҳои илмӣ пурра мувофиқ мебошад ва муаллифи он Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) сазовор мебошад.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар тибқи талаботи** “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, асоснок шудаанд, зеро онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи педагогӣ буда, вобаста ба самти мавзуи мавриди назар осору мақолаҳои илмӣ таълиф намудаанд.

Вобаста ба мавзуи диссертатсия довталаб 21 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд. Аз ҷумла:

**Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М]. **Раҳимова М.** Мавқеи панду андарзи классикон дар таълими синтаксис. [Матн] /М. Раҳимова // Номаи донишгоҳи ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров, 2015, №4(45). - С. 239-242.

[2-М]. **Раҳимова М.** Перомуни корбурди афкори педагогии Ҷалолуддини Румӣ дар дарсҳои забони тоҷикӣ. [Матн] /М. Раҳимова // Номаи донишгоҳи ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров, 2022, №3 (72). - С. 205

[3-М]. **Раҳимова М.** Вижагиҳои интихоби матнҳо аз осори классикон дар таълими забони тоҷикӣ. [Матн] / М. Раҳимова // Номаи донишгоҳи ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров, 2023, №2 (75). - С. 169-173

[4-М]. **Раҳимова М.** Муаррифии чеҳраҳои занони суханвар дар чараёни таълим. // Паёми донишгоҳи Хоруғ [Матн] / М. Раҳимова // Паёми донишгоҳи Хоруғ – Хоруғ, 2023, №3 (27). – С. 3-9.

[5-М]. Шербоев С. **Раҳимова М.** Баррасии масоили мубрами инкишофи нутқи хаттиву даҳонии муҳассилин дар дарсҳои забони тоҷикӣ [Матн] / С. Шербоев, М. Раҳимова [Матн] / Номаи донишгоҳи ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров, 2023, № 4, (77). – С. 133-138

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

[6-М]. Шербоев С. **Раҳимова М.** Истифодаи ашъори пандомези Абдураҳмони Ҷомӣ дар чараёни таълими ҷумлаҳои мураккаб дар синфи IX [Матн] / Шербоев С. Раҳимова М. // Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба бузургдошти Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар мавзуи «Масъалаҳои таълим ва тарбия аз дидгоҳи Ҷомӣ». - Душанбе, 2014.–80 с.

[7-М]. **Раҳимова М**. Истифодаи осори классикон дар раванди таҳлили ҷумла ва хелҳои он [Матн] / Раҳимова М. // Ховаршинос (маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба шастсолагии забоншинос Нуруллохон Ғиёсов).– Хуҷанд: Ношир, 2015.– 716 с. -С. 316-325

[8-М]. **Раҳимова М**. Андешаҳо доир ба истифодаи осори классикон дар раванди таълим [Матн] / Раҳимова М. // Оинадори ҳусни сухан. Маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба 70-солагии профессор А. Абдуқодиров.-Хуҷанд: «Вектор Канд», 2015, с. 249-256.

[9-М]. **Раҳимова М.** Осори классикони тоҷик – омили тарбиявии дарсҳои забони тоҷикӣ [Матн] / Раҳимова М. // Уфуқи андеша: Маҷмӯаи мақолаҳои илмии олимон, муҳаққиқони ҷавон ва магистрантон. –Хуҷанд: Ношир, 2020.– с. 95-102

[10-М]. **Раҳимова М.,** Каримова Д.Усули муаммовӣ ва корбасти он дар дарсҳои забони тоҷикӣ [Матн] / Раҳимова М., Каримова Д. // Уфуқи андеша: Маҷмӯаи мақолаҳои илмии олимон, муҳаққиқони ҷавон ва магистрантон. – Хуҷанд:Ношир, 2021.– с.133-137

[11-М]. **Раҳимова М.** Ҷойгоҳи осори классикон дар таъмини ҷанбаи тарбиявии дарсҳои забони тоҷикӣ. [Матн] / М.Раҳимова// Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии “CHALLENGES IN SCIENCE OF NOWADAYS”. – №6 ИМА. Вашингтон, Маркази интишороти илмии Inter Conf, 16-18 июли соли 2021. – С.184-189.

[12-М]. **Раҳимова М**. Аҳамияти дидактикии осори Камол дар омӯзиши забони тоҷикӣ . [Матн] / М.Раҳимова // Армуғони «Ганҷи сухан» (Баёзи муҳаққиқон ва шоирони вилояти Суғд). Ҷилди 7. -Хуҷанд: Ношир, 2022. – 560 саҳ. –С. 245-255.

[13-М]. **Раҳимова М.** Аҳамияти корбасти зарбулмасалу мақол дар дарсҳои забони тоҷикӣ. [Матн] / Раҳимова М. // Масъалаҳои таълиму тарбия дар низоми таҳсилоти муттасил: Маҷмуаи мақолаҳо. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2023.- 371 с.

[14-М]. **Раҳимова М.,** Пӯлодова Ш. Арзишҳои фарҳанги миллӣ дар осори адабӣ (ҳаммуаллиф). [Матн] / М.Раҳимова, Ш.Пӯлодова // Пешвои миллат ва рушди илм дар Тоҷикистон (маводи конференсияи умумиҷумҳуриявӣ бахшида ба 145-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон, бунёдгузори адабиёти муосири тоҷик устод Садриддин Айнӣ ва бахшида ба Рӯзи илми тоҷик). – Хуҷанд: Ношир, 2023.- 1196 с. –С. 729-734.

[15-М]. **Раҳимова М.** Инкишофи нутқи мураттаби хонандагон зимни истифода аз осори классикон. [Матн] / М.Раҳимова// Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналхалқӣ “Лингвистическое наследие и развитие языкознание” (Lisoniy meros va tilshunoslik taraqqiyoti” mavzusidagi xalqaro

ilmiy–amaliy konferensiya materiallari / Mas’ul muharrirlar – O.Tojiyev, Sh.Qahhorov. – Andijon davlat universiteti. 2023. – 470 bet.). – C.201–206

[16-М]. **Раҳимова М.** Истифодаи намунаҳо аз осори Саъдии Шерозӣ зимни таълими ҷумлаҳои чидааъзо [Матн] / Раҳимова М.// Масъалаҳои методикаи таълим. №4, 2024. 69 с. –С. 6-10.

[17-М]. **Раҳимова М.** Ташкили самараноки таълими инкишофи нутқ. [Матн] / Раҳимова М.//Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Забон – намояндаи хотираи гузаштаи таърихӣ ва ҳозира” (20.02.2024) Душанбе, 2024.- 497 с.

[18-М]. **Раҳимова М.** Маърифати шеър дар дарсҳои забони тоҷикӣ [Матн] / Раҳимова М. // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Муносибати босалоҳият ба таълими забонҳо дар муҳити бисёрзабонӣ ва гуногунфарҳангӣ» бахшида ба 80-солагии зодрӯзи узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Шербоев Саидбой. – Душанбе “Фасл-4” -220 с. Саҳ. 147-151

[19-М]. **Раҳимова М.** Истифодаи порчаҳои манзум дар таълими синтаксис [Матн] / М.Раҳимова // Уфуқи андеша (Маводи конференсияи илмӣ-амалии донишгоҳӣ дар мавзуи “Масоили меҳварии таълими фанҳои филологӣ ва ташаккули салоҳиятҳои касбӣ” ба ифтихори 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 70-солагии дотсент Марҳамат Ҳабибуллоева). Хуҷанд: «Кова», 2024. – 515 с. –С. 111-121

[20-М]. **Раҳимова М.** Инкишофи нутқи мураттаби хонандагони синфҳои 8-9 зимни омӯзиши синтаксиси ҷумлаҳои ва мураккаб [Матн] / М. Раҳимова // Масъалаҳои мубрами филологияи тоҷику ӯзбек. Маҷмӯаи мақолоти илмӣ. Хуҷанд: Нури маърифат, 2024.–830с. –С. 756-764

[21-М]. **Раҳимова М.** Ташаккули салоҳиятҳои хонандагон дар дарсҳои забони тоҷикӣ тавассути матнҳои таълимӣ [Матн] / Раҳимова М.//Маводи конференсияи байналмилалӣ: “Муаммоҳои илму фан аз нигоҳи муҳаққиқон (дар ҳамкорӣ бо Маҷаллаи байналмилалии “Interpretation and researches”, дар Google scholar индексасатсия шудааст) Фарғона, 25.05. 2024.

**Ба Шурои диссертатсионӣ 4 тақриз ба автореферати диссертатсия ворид шудааст. Тақризҳоро шахсони зерин фиристодаанд:**

1. **Ҷамолов Ҷумъабой Ҳисенович -** доктори фалсафа оид ба фанҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносии Донишгоҳи давлатии Фарғона. Тақриз мусбат аст, баъзе норасоиҳо қайд гардиданд: азбаски меҳвари тадқиқот ба истифодаи осори классикон дар таълими наҳви забони тоҷикӣ нигаронида шудааст, ба андешаи мо, мебоист перомуни мавкеъ ва роҳу равиши истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони модарии даҳсолаҳои охир маълумоти боз хам бештару амиқтар дода шуда, камбуд ва норасоии онҳо дар муқоиса ба консепсияи аз тарафи диссертант

пешниҳодшаванда ҳаллу фасл мегардид, аҳаммияти тадқиқоти бурдашуда бештар ва аёнтар мегардид; ҳангоми ҳаллу фасли масъалаҳои илмӣ майл ба услуби бадеӣ бештар ба назар мерасад, масалан, дар истифодаи ибораву таркибҳои зерин: *оганда аз ҳунари волои суханпардозӣ, ганчи шойгон, сухангустарони бузург* ва монанди инҳо, ки ба услуби илмигардонидани чунин ифодахо низ ба фоидаи кор мебуд; дар рисолаи илмӣ ва фишурдаи он баъзе хатоҳои имлоӣ, услубӣ ва нуқсонхои техникӣ ба назар мерасанд, ки таҳриру ислоҳ мехоҳанд.

2. **Темирова Х.И.** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забони давлатӣ ва ҷомеашиносии Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд. Тақриз мусбат, кайд намудааст, ки дар баъзе саҳифаҳо ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ, ҷумлаҳои ноқис ва умумигӯӣ, номутобиқатии иқтибос бо феҳрасти адабиёт, номуайнии манбаи матнҳо ба назар мерасад, ки мазмун, муҳтаво, сохтор ва ғояи дисертатсияро халалдор накардааст.

3. **Низоми С.Ф.** - доктори илмҳои филодогӣ, дотсент, мудири кафедраи забони тоҷики Донишгоҳи давлати тибби Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибн Сино. Тақризи мусбат аст, кайд намудааст, ки овардани мисолҳо аз осори классикон кам аст; дар баъзе саҳифаҳо хатоҳои имлоиву китобатӣ (ниг. ба саҳ. 6, 12, 24) ба назар мерасанд.

4. **Хоҷаева М.Ҷ.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, директори Муассисаи давлатии буҷетии таҳсилоти миёнаи умумии Россия ва Тоҷикистон "Мактаби миёнаи умуми дар ш. Хуҷанд ба номи А.П. Чехов". Хоҷаева М.Ҷ. Такризи мусбат аст, кайд намудааст, ки дар радифи кулли муҳассанот дар рисола дар баъзе саҳифаҳо умумигӯйӣ, андак аз масъалаи меҳварӣ дур рафтан, ғалатҳои имлоиву услубӣ ба чашм мерасанд.

Муқарризони ба автореферат тақриз пешниҳоднамуда қайд мекунанд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талабот ҷавобгӯ буда, довталаби дараҷаи илмӣ Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) мебошад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

аз нуқтаи назари танқидӣ анъанаҳои мавҷудаи низоми таълим ва таҷрибаи ҷаҳонии таҳсилот **таҳлил ва баҳо дода шуда,** истифода бурдан аз шаклу усулҳои муфиди он ҳангоми ҷорӣ намудани асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон **коркард шудааст;**

раванди сифати таълими забони тоҷикӣ дар синфхои 8-9-ум дар истифодаи осори классикон **ошкор ва муайян карда шудааст;**

– самтҳои асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони точикӣ ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон **пешниҳод шудаанд;**

**Исбот гардид**, ки ташаккули нутқи мураттаби хонандагон дар асоси осори классикон бо истифода аз модели (амсилаи) пешниҳошудаи таълимӣ бо ҳадафҳо ва вазифаи аслии хеш – муайян намудани моҳият ва асосҳои фароҳам овардани шарту шароити муоширату муомилоти байниинсонӣ дар бобати асолатҳо ва риояи принсипҳои муҳимми дидактикӣ-иттилоотӣ, тарбиявӣ, рушд ва таҳлилӣ-ҷамъбастӣ мақоми хосро метавонад доро бошад.

Бори нахуст дар илми лингводидактикаи ватанӣ коркарди асосҳои илмӣ-методии таълими синтаксиси ҷумлаҳои сода ва мураккаби забони тоҷикӣ дар асоси осори классикон сурат гирифта, натиҷаҳои он дар муассисаҳои таълимӣ **ҷорӣ гардидааст**.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст ва исбот шудааст**, ки дар системаи таълимии пешниҳодшуда дар муқоиса бо таълими анъанавии синтаксиси забони тоҷикӣ пешравӣ ва салоҳиятмандии муҳассилин бештар рушд ёфта, бахусус, татбиқи он дар асоси осори классикон метавонад мусбат арзёбӣ гардад.

Вобаста ба масъалагузорӣ дар диссертатсия самаранок методи машқ ва аёният дар таълим, усулҳои фаъол, аз ҷумла, усули проблемавӣ (масъалагузорӣ)-и таълим, озмунҳои муқарраркунӣ ва таълимӣ, ниҳоят, аз усули таҳлили статистикӣ бобати ҷамъбасту хулосабарорӣ аз натиҷаи экспериментҳои таъсисдодашуда истифода шуданд.

Натиҷаҳои таҳқиқот оид ба асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон дар дарсхои забони точикӣ ва мавкеи он дар инкишофи нутки муратгаби хонандагон ба тариқи озмоишӣ **баён шудаанд**.

Вазъи коркарди методии масоили вобаста истифодаи осори классикон дар дарсхои забони точикӣ ва мавкеи он дар инкишофи нутки муратгаби хонандагон **ошкор шудааст**.

Осори олимони забоншинос ва методистони маъруфи ватанӣ ва хориҷи кишвар аз қабили Ш. Рустамов, Д. Тоҷиев, А. Мирзоев, М. Лутфуллоев, С. Аминов, С. Шербоев, А. Эшонҷонов Б. Камолиддинов, М. Қосимова, М. Лутфуллоев, Ф. Шарифзода, С.Хоҷиев, Т.А. Дейкина, А.Д. Ладиженская, В.В. Виноградов, Е.И. Никитина, Ю.А.Стрелникова, Т.К. Донченко, А.С. Каримова, П.А. Лекант, О.Б. Сиротинина, В.В. Текучев, М.Т. Баранов, Т.А. Ладиженская, В.М. Чистяков, В.П. Озерская омӯхта шуданд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ мешавад, ки** маводи назариявӣ ва дидактикии дар рисола

пешниҳодшуда ба омӯзгорон дар ташкили бонизоми дарс ва баланд бардоштани самаранокии машғулиятҳо ёрии амалӣ хоҳад расонд. Дар диссертатсия намунаи методҳо барои таълими босамари синтаксис, системаи машқҳо, супоришҳо, намунаи таҳлилҳои синтаксисӣ дар синфи 8-9 пешниҳод шудааст. Баррасӣ ва самаранокии онҳо на танҳо барои фаҳмидани синтаксиси ҷумлаҳои сода ва мураккаб, ҳамчунин, идроки маъноҳои барҷаставу баланди осори адабӣ ба хонандагон имкон хоҳад дод.

Марҳилаҳои ташаккули моҳият ва мазмуни низоми асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон дар дарсхои забони точикӣ ва мавкеи он дар инкишофи нутки муратгаби хонандагон **муайян карда шуданд.**

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дараҷаи асоснокӣ ва дурустии илмиву назариявии таҳқиқоти диссертасионӣ, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодшударо **бо асосҳои зерин нишон доданд:** муқаррароти дар таҳқиқот пешниҳодшуда бо нукоти назариявӣ ва методологӣ, асоснокӣ ва комилан мувофиқ будан бо масъала ва предмети таҳқиқот мувофиқ буда, инкишофи нерӯи зеҳнии хонандагонро дар ҷараёни ҷорӣ намудани ташаккули салоҳиятҳои коммуникативии хонандагон **таъмин менамоянд;**

корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ба натиҷаҳои санҷиш ва муқоисакунии маълумоти бадастомада оид ба асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони точикӣ ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон то озмоиш ва баъди озмоиш **асос ёфтанд;**

хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ тибқи муқаррароти аввалияи назариявӣ **пешниҳод шудаанд;**

**Ғояи** таҳқиқот дар заминаи муқоиса ва таҳлили натиҷаҳои бадастомада дар гурӯҳҳои таҷрибавию озмоишӣ, таҷрибаи шахсии муаллиф ба сифати ташкилотчии корҳои таҷрибавию озмоишӣ ва омӯзгори муассисаи таълимӣ **асоснок гардидааст**.

Таҷрибаи пешқадами омӯзгорон оӯхта шуда, дар ҷараёни корҳои таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ-озмоишӣ мавриди **истифода қарор дода шудаанд**.

Мазмун ва мундариҷаи таълими синтаксиси забони тоҷикӣ дар синфҳои 8-9 дар иртибот ба хусусиятҳои лексикӣ, грамматикӣ ва сохтории осори адабӣ муайян шудаанд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ аз инҳо иборат аст:** дар иштироки бевоситаи муалиф дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот ва таҳлили ҳамаҷонибаи масъала; дар ҷамъоварии мавод ва таҳлили амиқи адабиёти илмиӣ, таҳлил ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда ва ба низомдарории онҳо, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда; дар банақшагирии дурусту мувофиқи таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ,

таҳлили миқдорӣ ва сифатии маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои озмоишӣ бадастомада; дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ ва тавсияҳои методӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ ва ироаи натиҷаҳои таҳқиқот, ҷаъбасти натиҷаҳои бадастомада ва коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ; баррасии натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, мизҳои мудаввару семинарҳои илмиву методӣ ва омӯзишӣ ва ғ.

Дар маҷлиси 30-юми майи соли 2025, №45 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна бо дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 16 нафар ҳайати умумии шуро, овоз доданд: тарафдор – 15 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Мухаметов Г.Б.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ Рузиева Л.Т.

30 майи соли 2025